*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 132 (4552) | ҶУМЪА, 28 ОКТЯБРИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ШАҲРИ ОСТОНАИ ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН

**27 октябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар Саммити якуми «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо» ба шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ карданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар Фурудгоҳи байналмилалии ба номи Нурсултон Назарбоев намояндагони воломақоми Ҷумҳурии Қазоқистон гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

**27 октябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар Саммити якуми «Осиёи Марказӣ - Иттиҳоди Аврупо» иштирок ва суханронӣ карданд.**

Дар он Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев, муовини Раиси Девони вазирони Туркманистон Хоҷамурод Гелдимуродов, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров ва Президенти Иттиҳоди Аврупо Шарл Мишел низ ширкат варзиданд.

Зимни суханронӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Сарвари кишвари мизбон - Қосим-Жомарт Токаев барои ташкили чорабинӣ дар сатҳи баланди тадорукотӣ ва меҳмоннавозӣ изҳори сипос намуданд.

«Чорабинии имрӯза боз як имкони хуби баррасӣ ва ҳамоҳангсозии амалҳо дар пасманзари тағйироти геополитикии ҷаҳонӣ аст, ки ба таҳкими рушди созандаи ҳамкории байниминтақавӣ нигаронида шудааст», - таъкид карданд Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сатҳи муносибатҳои ҳамкории Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо, қабули «Стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои кишварҳои Осиёи Марказӣ» изҳори қаноатмандӣ карда, ба роҳбарияти Иттиҳоди Аврупо ҷиҳати расонидани кумак дар давраи беморdin сироятии COVID-19 сипос гуфтанд.

Таъкид гардид, ки Тоҷикистон кӯшишҳои рушди ҳамкории байниминтақавӣ дар соҳаҳои иқтисод, нақлиёту коммуникатсия, обу энергетика ва дигар масъалаҳоро, ки ба рушди устувори минбаъдаи кишварҳо нигаронида шудаанд, комилан дастгирӣ мекунад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, оид ба имкони таҳкиму тавсеаи робитаҳои кишварҳо дар чаҳорчӯбаи «Осиёи Марказӣ - Иттиҳоди Аврупо» дар соҳаҳои ояндадори тиҷоратию иқтисодӣ, амнияти озуқаворӣ, кишоварзӣ, нақлиётию логистикӣ, энергетика, ҳамкорӣ дар самти «неруи сабз», аз ҷумла тавассути истифодаи самараноки захираҳои гидроэнергетикӣ, андешаронӣ карданд.

Тағйирёбии иқлим, обшавии пиряххо, афзоиши обхезӣ ва омадани сел, хушксолӣ ва таъсири манфии ин падидаҳо ба вазъи иқтисодию иҷтимоии кишварҳо аз масъалаҳои муҳим буданд, ки вобаста ба ҳалли онҳо Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳодҳои асоснок манзур намуданд.

Дар рафти мулоқот ҷанбаҳои гуногуни амнияти минтақавӣ, аз ҷумла қазияи Афғонистон, мавриди таваҷҷуҳи иштирокдорони он қарор дошт.

Аз натиҷаи ҳамоиш Изҳороти муштараки матбуотии сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Президенти Иттиҳоди Аврупо пахш гардид.

## МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО ШАРЛ МИШЕЛ

**27 октябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар ҳошияи Саммити якуми «Осиёи Марказӣ - Иттиҳоди Аврупо» бо Президенти Иттиҳоди Аврупо Шарл Мишел мулоқот карданд.**

Зимни он маҷмӯи васеи масоили ҳамкории Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо баррасӣ гардида, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки Иттиҳоди Аврупо дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҷойгоҳи хосса дорад.

Ҷонибҳо аз сатҳи муносибатҳо ва аз татбиқи Созишномаи ҳамкорӣ ва шарикӣ, ки барои густариши ҳамкории ҳамаҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо асоси устувор гузоштааст, изҳори қаноатмандӣ карданд.

Ҳамчунин, масъалаҳои рушди ҳамкорӣ дар самти сармоягузорӣ, фаъолияти ширкатҳои муштарак ва расонидани кумакҳои техникиву молиявӣ барои соҳаҳои афзалиятноки иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон, дастгирии молиявӣ ҷиҳати рафъи пайомадҳои бемории сироятии COVID-19 ва таъсири манфии бӯҳрони сиёсии кишварҳои ҷангзада ба иқтисоди кишвари мо, мавриди баррасӣ гардид. Ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар бахшҳои саноат, истихроҷи маъдан, бунёди зерсохтор, соҳаҳои кишоварзӣ, сайёҳӣ ва маорифу тандурустӣ низ зарур шумурда шуд.

Дар рафти мулоқот таҳкими шарикӣ бо Иттиҳоди Аврупо дар маблағгузории татбиқи лоиҳаҳои «Иқтисоди сабз», «Иқтисоди рақамӣ», таъсиси «Паркҳои технологӣ», «Технологияҳои рақамӣ» ва ҷорӣ кардани «Низоми савдои электронӣ» дар Тоҷикистон ба манфиати ҳар ду ҷониб маънидод гардид. Оид ба ҳалли мушкилоти глобалии марбут ба об ва тағйирёбии иқлим низ табодули афкор сурат гирифт.

Зимни баррасии масоили таҳкими амнияту субот дар Осиёи Марказӣ ҷонибҳо қазияи Афғонистон ва ҳамкориро дар самти ҳифзи сарҳад дар чаҳорчӯбаи татбиқи барномаҳои БОМКА ва КАДАП мавриди баррасӣ қарор доданд.

Ҷониби Иттиҳоди Аврупо қайд намуд, ки дар масоили Афғонистон Тоҷикистонро шарики муҳим ҳисобида, минбаъд низ дар ҳалли қазияи ин кишвари ҳамсоя, бахусус, мустаҳкам намудани сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, ҳамкории муфидро роҳандозӣ хоҳад намуд.

## НОМАИ ШОДБОШӢ



**27 октябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Сарвазири Подшоҳии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ муҳтарам Риши Сунак номаи шодбошӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

**«Ҷаноби Олӣ!**

Сарфарозам Шуморо ба муносибати интихоб гардиданатон ба маснади Сарвазири Подшоҳии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ табрик намоям.

Таи сӣ соли истиқрори муносибатҳои дипломатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Подшоҳии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ равобити дӯстӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаро ба роҳ монда, имрӯзҳо пайгирона пеш мебаранд.

Ҷониби Тоҷикистон ба рушди шарикии минбаъдаи ҳар ду кишвар ҳамеша аҳамияти хосса медиҳад ва мо алоқаманди таҳкими фарогири ҳамкориҳоямон бо кишвари Шумо дар ҳама соҳаи мавриди таваҷҷуҳи тарафайн ҳастем. Омодаем, ки ҷиҳати пешбурди ин раванд дар сатҳи гуногун саъю талоши муштарак ба харҷ диҳем.

Ба Шумо сиҳатмандии комилу дар фаъолияти сермасъулатон комёбиҳо ва ба мардуми дӯсти Подшоҳии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ некуаҳволӣ ва пешрафти рӯзафзун орзу менамоям.

Ин фурсатро ҷиҳати таҷдиди ғояти эҳтиром ба Шумо ғанимат мешуморам».

## НОМАИ ҲАМДАРДӢ



**28 октябри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Сайид Иброҳим Раисӣ номаи ҳамдардӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

**«Ҷаноби Олӣ!**

Дар иртибот ба ҳамлаи золимона ба ҳарами мутаҳҳари Шоҳчароғ дар Шероз, ки муҷиби ба ҳалокат расидан ва ҷароҳат бардоштани мардуми осоишта гардид, ба Шумо ва аҳли наздикону пайвандони фавтидагон тасаллият ва ҳамдардии амиқи худро иброз намуда, сабри ҷамил мехоҳам.

Мо ин амали террористиро қотеона маҳкум намуда, зарурати тақвияти пайвастаи муборизаи муштараки беамонро бо ҳама гуна зуҳуроти терроризм ва ифротгаройӣ таъкид менамоем.

Аз даргоҳи Худованд барои ҷонбохтагон раҳмату мағфират ва ба ҳамаи осебдидагон шифои комил хоҳонам».

**www.president.tj**

## ИШТИРОКИ ҲАЙАТИ ПАРЛУМОНИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҶАЛАСАИ ШӮРОИ АБ ИДМ

**Бисту ҳафтуми октябри соли 2022 дар шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷаласаи Шӯрои Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баргузор гардид, ки раёсати баргузории онро раиси ассамблеяи мазкур, Раиси Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Валентина Матвиенко бар уҳда дошт. Аъзои Шӯро рӯзномаи онро тасдиқ намуда, 21 масъаларо баррасӣ ва қабул карданд. Ҳайати парлумонии Тоҷикистон таҳти сарварии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода низ дар он иштирок кард.**



Раиси Маҷлиси намояндагон Маҳмадтоир Зокирзода зимни суханронӣ дар шахси Раиси Сенати Олий Мажлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон Танзила Нарбоева ба кишвари мизбон, инчунин ба Валентина Ивановна Матвиенко ва котиботи Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил барои даъват ва дар сатҳи баланд ташкил намудани ҷаласа миннатдорӣ намуд.

Зикр гардид, ки АБ ИДМ ба яке аз сохторҳои зарурии он табдил ёфта, барои ҳалли муҳимтарин вазифаҳои сиёсию иқтисодӣ шароити муносиб фароҳам меорад. Дар ин замина вакилони парлумони кишварҳои аъзо ҷиҳати ба ҳам наздик ва ҳамоҳанг сохтани қонунгузории миллӣ фаъолона кор мекунанд.

- Алҳол дар назди мо вазифаҳои ҷиддӣ – баррасӣ ва қабули санадҳои муҳиме истодаанд, ки ба таҳкими минбаъдаи ҳамкории минтақавӣ, таъмини фаъолияти самарабахши ассамблея афзоиши ҳамкорӣ дар доираи Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил нигаронида шудаанд, - иброз дошт Маҳмадтоир Зокирзода ва афзуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низ дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил муносибатҳои дӯстонаро ба хотири таҳкими сулҳу оромӣ ва амнияти минтақавӣ идома хоҳад дод.

Дар фарҷом сарони ҳайатҳои парлумонӣ маълумотро доир ба натиҷаҳои чорабиниҳои соли 2022 ва мониторинги маъракаҳои интихоботӣ дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил шуниданд.

**27 октябри соли 2022 дар шаҳри Самарқанд дар доираи чорабиниҳои Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҷаласаи Комиссияи доимии Ассамблеяи байнипарлумонӣ оид ба фарҳанг, иттилоот, сайёҳӣ ва варзиш бо иштироки узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шодигул Қонунзода, ҷаласаи Комиссияи доимии Ассамблеяи байнипарлумонӣ оид ба сиёсати аграрӣ, захираҳои табиӣ ва экологӣ бо иштироки раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Рустам Латифзода ва ҷаласаи Комиссияи доимии Ассамблеяи байнипарлумонӣ оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва ҳамкории байналмилалӣ бо иштироки раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода, ки дар ҳайати парлумонии Тоҷикистон дар шаҳри Самарқанд қарор доранд, баргузор гардид.**

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

Дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ДАВЛАТДОРИИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

## ДАЛЕЛУ РАҚАМҲО БОЗГӮИ АЗМИ ҚАВӢ, НИЯТИ НЕК ВА ҶОНФИДОИҲОАНД

**Ҳарчанд тоҷику тоҷикистониён баъд аз истиқлолияту озодӣ ба имтиҳони бисёр сахту сангини таърих – ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардиданд, вале ба шарофати азми қавӣ ва нияти неки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон собит гардид, ки қодиранд зери роҳбарии ин абармард муттаҳид шуда, давлатро соҳибӣ ва Ватанро бо заҳмати содиқона ободу зебо намоянд.**



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвар, роҳбару раҳнамои дурбину дурандеш, созанда ва ғамхору ватандӯст аз нахустин рӯзҳои фаъолият барои анҷом додани рисолати таърихие, ки давру замон ба уҳдаашон гузошта буд, камари ҳиммат баста, дар кӯтоҳтарин муддат мардумро аз зулмоти яъсу ноумедӣ ба соҳили наҷот раҳнамоӣ карданд ва дар дилҳои онҳо чароғи эътимод ва бовариро барои расидан ба ояндаи дурахшон ва фаро расидани замони сулҳи деринтизор неру бахшиданд.

Раҳмон Асадулло, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои кадрҳо барҳақ нигоштааст: «Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи миллат ва давлатсозии тоҷикон абадӣ боқӣ мемонад. Дар ҳамаи давру замон дар идораи давлату рушди ҷомеа ва ояндаи пойдору устувори он роҳбарони фозилу хирадманде зарур буданд, ки ҷомеаро бо андешаҳои бунёдӣ сӯи эҳё ва ташаккул бурда, дар заминаи ҳофизаи таърихӣ давлатдориро таҳким бахшанд. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз табори шахсиятҳоеанд, ки барои кишвари мо ва сокинони он ин асолати таърихиро иҷро намуда, барои рушди бесобиқаи Тоҷикистони азиз ва фардои неку дурахшони Ватан ҷоннисориҳо карданд».

Сулҳ ва ваҳдати миллӣ, таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ислоҳоти фарогир, таъсиси сохтори муассири идоракунӣ, қабули рамзҳои давлатӣ, эҳёи арзишҳои таърихӣ, миллӣ ва фарҳангӣ, боло бардоштани мақоми забони тоҷикӣ, эълони чаҳор ҳадафи стратегии Ҳукумат, таъмини шароити созгор барои тиҷорат, аз сар гирифтани сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Роғун», ташаббусҳои сатҳи ҷаҳонӣ дар соҳаи об, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», афзоиши дарозумрӣ, коҳиши камбизоатӣ, афзоиши бесобиқаи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, буҷети давлатӣ ва маошу нафақа хӯшае аз хирмани дастовардҳои давлатдории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб мешаванд.

Авзои он замонро ёдовар шуда, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр карданд: «Аз фаъолият бозмондани корхонаҳои истеҳсолӣ, таназзули бошиддати иқтисодиёт, сатҳи баланди бекорӣ, таварруми бесобиқа, кам шудани ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ ва афзоиши босуръати сатҳи камбизоатӣ ба воқеияти бисёр вазнини он рӯзҳо табдил ёфта буд. Бар асари ҷанги шаҳрвандӣ солҳои 1992 - 1997 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ се баробар ва маҳсулоти кишоварзӣ ду баробар коҳиш ёфт».

Чун нияти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нек ва иродаашон хастагинопазир буд, дар марҳилаи аввали давлатдорӣ, бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд, комёб гардиданд.

Ҷоиз ба зикри алоҳида аст, ки кишвари мо танҳо соли 2000-ум ба марҳилаи рушд ворид шуд. Ислоҳоти дар тамоми соҳаҳо, ҷиҳати барқарор ва мукаммал гардонидани низоми идоракунии давлат, дигаргунсозиҳои сохторӣ, таъмини гуногуншаклии моликият, фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкориву сармоягузорӣ, ташаккул додани низоми миллии буҷету андоз ва пуливу қарзӣ, рушди соҳаҳои воқеии иқтисод ва инкишофи бахши иҷтимоӣ тадбирҳои самарабахш, идомаи мантиқии ибтикори ба сифати Роҳбари мамлакат амалинамудаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб мешавад.

Ба назари Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода: «Сиёсате, ки бо иқдоми Роҳбари давлат пеш гирифта шуд, дар солҳои минбаъда ба сароҳат нишон дод, на танҳо буҳрони иқтисодӣ, ки мамлакатро фаро гирифта буд, бартараф шавад, балки барои тадриҷан замина гузоштан ба асосҳои мустаҳками пешрафти устувору пайгиронаи иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам оварданд ва Тоҷикистон зина ба зина мушкилоти мавҷударо бо сарбаландӣ паси сар кард. Албатта, расидан ба саодати инсонӣ ва ноил шудан ба зиндагии шоиста осон набуд».

Шоистаи арҷгузорӣ аст, ки Пешвои миллат бо ҷасорати хос ва беназир, бо вуҷуди зиёд будани садду камбудиҳо расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар ва саноатикунонии босуръати мамлакатро ҳадафҳои стратегӣ эълон карданд.

Ба андешаи академик Кароматулло Олимов: «Ҳадафҳои стратегии эълоннамудаи Президент барои ҳалли душвортарин проблемаҳои ҳаёти халқамон нақши асосӣ бозид. Эмомалӣ Раҳмон барои ба низоми нави иқтисодӣ, иҷтимоӣ, мутобиқ ба тақозои замон ва таҷрибаи кишварҳои пешрафта ворид намудани кишвар як силсила ислоҳоти бузург гузаронида, Тоҷикистонро аз вартаи варшикастагии иқтисодӣ баровард. Гувоҳи ин аз 80% ба 26% паст шудани сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ мебошад».

Ҳадафҳои зикршуда ва амалӣ гардонидани силсилаиқдомҳое, ки дар саргаҳи онҳо низ Сарвари давлат қарор доштанд, замина фароҳам овард, ки рушди муттасили кишвар таъмин гардад. Барои тақвияти ин суханон месазад андешаҳои муовини якуми Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзодаро иқтибос орем: «Интихоби дурусти вакилони Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хотима ёфтани ҷанги бародаркуш ва дар саросари кишвар тантана намудани сулҳу ваҳдати миллӣ буд, ки ҳамчун падидаи нодири таҳсили ихтилофу носозгориҳо ва дар саросари кишвари тоҷикон пойдор намудани сулҳ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ бо хушнудӣ пазируфта шуд».

Бунёди силсилаи иншооти бузурги гидроэнергетикӣ аз дастовардҳои муҳими соҳаи энергетикаи кишвар ба ҳисоб меравад, ки дар саргаҳи онҳо маҳз Пешвои миллат қарор доранд. Мушкилот ва душвориии асосие, ки дар оғози даврони истиқлолияти давлатӣ эҳсос мегардид, таъмини истиқлолияти энергетикӣ ба ҳисоб мерафт. Лозим ба ёдоварист, ки рушду тараққиёти иқтисодиёт ва пешрафти соҳаҳои хоҷагии халқ ба истиқлолияти энергетикӣ вобастагии зиёд дошт. Соҳаи энергетика, бахусус ба кор андохтани корхонаҳои саноатӣ, таъмини аҳолӣ бо рӯшноӣ ва гармидиҳӣ, дар ин давра ба мушкилоти асосӣ дучор гардида буд. Норасоии қувваи барқ дар мавсими зимистон барои аҳолӣ душвориҳои зиёдро эҷод мекард. Дар аксар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар як шабонарӯз ба аҳолӣ 2 - 4 соат қувваи барқ дода мешуд.

Абдураҳмон Аламшозода, муовини якуми вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бамаврид зикр кардааст: «Ягона роҳи ҳалли ин масъала ва баромадан аз ин душвориҳо, бунёду сохтмони нерӯгоҳҳо буд. Бахусус, қисмати шимоли мамлакат, ки дар замони шӯравӣ тавассути шабакаи ягона аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо қувваи барқ таъмин мегардид, баъд аз мустақилияти кишварҳои минтақа ва ҷудо шудани онҳо аз шабакаи ягонаи барқтаъминкунӣ ба норасоии неруи барқ рӯ ба рӯ гардид. Бо мақсади ҷалби сармояи хориҷӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбарҳои баланди ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ дар бораи манфиатовар будани бунёди нерӯгоҳҳои хурду калони барқи обӣ – энергияи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва безарар сухан мекарданд. Пешвои миллат таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқро яке аз стратегияҳои муҳими сиёсати давлати Тоҷикистон арзёбӣ карда, барои ҳалли ин масъалаи ҳаётӣ талошу кӯшиши зиёд ба харҷ доданд».

Касе наметавонад инкор кунад, ки дар ҷаҳони муосир давлатдорӣ кори саҳлу сода нест. Пешвои миллат дар ин ҷода бо азми қавӣ ва нияти нек ҷонфидоӣ карданд, беҳбуд бахшидани зиндагии мардум, ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ ва гиромидошти ниёгонро меҳвар қарор дода, комёбанд. Сарвари хирадманду дурандеш собитқадамона ба сӯи ҳадаф мераванд, ки бо амри дил интихоб кардаанд.

Ҳанӯз аз рӯзҳои аввали давлатдорӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавқеи тағйирнопазир доштанду дар раванди фаъолият идеяҳо, арзишҳо, меъёрҳо ва механизмҳоеро ироа мекарданд, ки бо дурандешона будани худ фарқ мекарданд. Имрӯз, бо гузашти замон, маълум гардид, ки чунин мавқеъгирӣ дар ҳамон давра сарнавиштсоз будааст.

Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои кадрҳо Раҳмон Асадулло ин ҷанбаро чунин бозгӯйӣ кардааст: «Роҳи тайкардаи ин абармарди ҷабҳаи сиёсат фарохтар аз марзу буми Тоҷикистони азиз рафта, бо хираду фитрати азалӣ миллату давлати тозаистиқлолро дар арсаи ҷаҳони мутамаддин соҳиби ҷойгоҳи муносибу арзанда намуд. Давлатро аз нестӣ, миллатро аз парокандагӣ эмин дошта, ваҳдати сартосариро таъмин сохт. Дар татбиқи ормонҳои миллӣ ва ҳадафҳои стратегӣ чун кӯҳ устувор аст ва хушбахтона, душманони миллати мо ба ниятҳои зишти худ нарасиданд ва намерасанд. Миллати тоҷик, сокинони Тоҷикистони азиз номи ин абармарди таърих, Пешвои муаззами мо, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун ливои майдони муборизаву бархӯрд истифода менамоянд ва доимо зафарёбанд».

Ба ин суханони пурҳикмат чизе илова карданро ҷоиз намедонам.

**Далер АБДУЛЛО,**
**«Садои мардум»**

«Пахта – 2022»

**Дар вилояти Суғд маъракаи ҷамъоварии пахта вусъати тоза гирифтааст. Бино ба маълумоти Сарраёсати кишоварзии вилоят, ҳар рӯз ба хирмани пахтаи мамлакат зиёда аз ҳазор тонна ашёи пурқимати саноатии пахтакорони вилоят илова мегардад. Аз аввали мавсим 105 ҳазору 565 тонна ҳосил ҷамъоварӣ шудааст, ки 79,8 фоизи дурнаморо ташкил медиҳад.**

Бобоҷон Ғафуров Зафарбек Давлатзода зимни суҳбат чунин шарҳ дода, аз ҷумла гуфт, ки риояи талаботу меъёрҳои агротехнологияи парвариши пахта аз интихоби тухмӣ то ғизодиҳиву коркарди байни қатор ва сари вақт обёрӣ намудан аз корҳои асосие ба ҳисоб меравад, ки бояд анҷом дод. Номбурда афзуд, ки бо вуҷуди иҷрои нақша, ҳанӯз ҳосил дар саҳро зиёд аст. Аҳд кардем, ки онро пурра ҷамъоварӣ намуда, ҳосилнокиро аз ҳар гектар ба 28 - сентнерӣ расонем.



## АВВАЛИН ДАР ВИЛОЯТ

21 октябр дар миқёси вилоят нахустин шуда пахтакорони ноҳияи ба номи Бобоҷон Ғафуров аз иҷрои дурнамои истеҳсоли пахта хабар доданд. Онҳо соли равон дар майдони 8 ҳазору 28 гектар пунбадона кишта, ният доштанд, 18 ҳазору 500 тонна пахта ҷамъоварӣ намоянд. Дар натиҷаи андешидани тадбирҳои муҳим, ҳосилнокӣ аз ҳар гектар 23 сентнериро ташкил дод.

Омилҳои асосии расидан ба мақсадро раиси ноҳияи ба номи

Бино ба гуфти роҳбарияти Раёсати кишоварзии ноҳия, дар оростани хирмани бошукӯҳи 18 ҳазору 500 тоннагии «тиллои сафед» саҳми бештару назаррасро бо иҷрои нақшаи истеҳсоли пахта, пахтакорони кооперативҳои кишоварзӣ-истеҳсолии ба номи Ҷ. Расулов, Т. Қӯшатов ва Кооперативи илмӣ-истеҳсолию кишоварзии ба номи Р. Набиев гузоштаанд.

**М. МАҚСУДОВ,**
**«Садои мардум»**

# РАШТ: ДАСТОВАРДҲО НАЗАРРАСАНД

**Дар ноҳияи Рашт маъракаи ҷамъоварии маҳсулоти кишоварзӣ идома дорад.**

**- Баҳри таъмини амнияти озуқаворӣ дар деҳаҳои ҳудуди ноҳия кишоварзон бо шавқу рағбат пайи коранд, - гуфт муовини раиси ноҳия Саидбек Идибекзода ва афзуд, ки то ҳол ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 323 миллиону 721 ҳазору 700 сомониро ташкил намудааст. Ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10 миллиону 520 ҳазору 300 сомонӣ зиёд мебошад.**

Дар ҳама шакли хоҷагидорӣ дар 8119 гектар замин кишт гузаронида шудааст, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта 455,78 гектар зиёд аст. Истеҳсоли ғалладонагиҳо ба 4548 тонна расида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 256,2 тонна зиёд мебошад. Истеҳсоли зироатҳои техникӣ 62 тонна, сабзавот 149,2 тонна афзоиш ёфтааст. Истеҳсоли картошка ба 28755,5 тонна (106 фоиз), мева 893,3 тонна ё ба 101,8 фоиз, хошок 124651 тонна (104,2 фоиз) расонида шуд. Майдони боғҳо дар ноҳия 5150 гектарро ташкил намуда, дар 4775 гектари он боғҳои ҳосилдеҳ бунёд шудаанд.

- Дар соҳаи кишоварзӣ норасоии тухмии хушсифат, дар баъзе мавзеъҳо нарасидани оби полезӣ, набудани мошинолот ва гаронии нархи сӯзишворӣ, дастрасии қарзҳои бонкӣ бо фоизи паст аз қабили мушкилоти асосӣ ба шумор мераванд. Бовар дорем, ки ин мушкилот ҳал гашта, кишоварзони ноҳияи Рашт комёбиҳояшонро афзун мегардонанд, - гуфт Саидбек Идибекзода.

**Диловари МИРЗО, «Садои мардум»**

# ИШТИРОКИ ҲАЙАТИ ПАРЛУМОНИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҶАЛАСАИ ШӮРОИ АБ ИДМ

**(Идома аз саҳ. 1)**

Аъзои комиссия Низомномаро дар бораи Шӯрои коршиносон оид ба экология муҳокима намуда, дар бораи рафти тайёрӣ ба Конгресси даҳуми байналхалқии экологии Нева ва таҳияи қонунгузорӣ дар соҳаи сиёсати аграрӣ маълумот гирифтанд. Инчунин, масъалаи омодасозии ҳамоиши байналмилалии «Рушди устувори манотиқи кӯҳистон», ки тирамоҳи соли ҷорӣ ба нақша гирифта шудааст, баррасӣ гардид.

Дар кори ҷаласаҳои комиссияи Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ намояндаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қароргоҳи Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Бахтовар Сафарзода низ иштирок ва суханронӣ намуд.

**Ҳамчунин, дар доираи чорабиниҳои Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамоиши байнипарлумонии ҷавонони кишварҳои аъзои ИДМ таҳти унвони «Парламентҳои ҷавон – нигоҳ ба ояндаи ИДМ», бахшида ба 30-солагии таъсисёбии созмон баргузор гардид, ки дар кори он декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Нурулло Қурбонализода, сардори Раёсати робитаҳои хориҷӣ, байнипарламентӣ, ташрифотӣ ва ташкили кори Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон Наҷибулло Оқилзода ва сармутахассиси раёсати мазкур Абдусамад Эсанқулов иштирок ва суханронӣ карданд.**

Дар кори ҳамоиш намояндагони ҷумҳуриҳои Арманистон, Озарбойҷон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Котиботи Шӯрои АБ ИДМ низ ширкат доштанд.

Зимни ифтитоҳи он таъкид гардид, ки муносибатҳои дӯстона ва ҳасанаи ҷавонони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил барои густариши ҳамкории тарафайн заминаи мусоид фароҳам оварда, алҳол робитаҳо, дар самти сиёсати давлатии ҷавонон дар сатҳи зарурӣ қарор дорад.

Ёдовар мешавем, ки мақсади асосии таъсиси ассамблея ҷалби ҷавонон ба раванди рушди ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ, фароҳам овардани шароити мусоид барои мубоҳиса ва мубодилаи таҷрибаи ҷавонон дар иштироки фаъолияти парламентӣ ва намояндагӣ аз ташкилотҳои ҷавонон, шинос кардани ҷавонон бо дипломатияи парламентӣ, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ, фаъол будан дар ҷамъият ва ҷомеаи шаҳрвандии насли ҷавони ИДМ мебошад.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**




# ҚАРЗИ БАРҚИ ИДОРАИ БЕҲДОШТИ ЗАМИН ВА ОБЁРӢ БА 40 МЛН. СОМОНӢ РАСИД

**Дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон баъзе аз корхонаву ташкилотҳои буҷетию ҷамъиятӣ, аз ҷумла сокинон, дар пардохти ҳаққи истифодаи неруи барқ беэътиноӣ зоҳир мекунанд, ки боиси афзудани қарзи барқ мегардад.**

Роҳбари тиҷоратии филиали ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Кӯлоб Баҳром Ҳикматзода зимни суҳбат гуфт, ки дар нуҳ моҳи соли 2022 қабули барқ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон аз ҳисоби ШСХК «Барқи Тоҷик» 977 миллиону 180 ҳазор кВт/соатро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 95 миллиону 780 ҳазор кВт/соат зиёд мебошад.

Дар ҳамин ҳол қарзи барқ то 1 октябри соли ҷорӣ ба 370 миллиону 992 ҳазор сомонӣ расидааст, ки қарзи аҳолӣ 224 миллиону 117 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Идораи беҳдошти замин ва обёрии минтақаи Кӯлоб аз ҳама зиёд, беш аз 40 миллион сомонӣ қарздор мебошад.

Баҳром Ҳикматзода изҳор дошт, ки то ҳол нисбат ба корхонаю ташкилотҳо ва соҳибмулкони ҷамъиятҳо, ки аз барқ қарздор мебошанд, 3 ҳазору 641 санади ҷаримавӣ тартиб дода шуд, ки аз ин ҳисоб маблағи 2 миллиону 126 ҳазору 167 сомонӣ қарзи барқ пардохт гардид.

Бояд зикр кард, ки дар шаҳру минтақаи Кӯлоб қарздорони мушкилситон соҳибмулконе мебошанд, ки теъдодашон зиёд буда, танҳо аз шаҳри Кӯлоб қарзи барқашон беш аз 1 миллиону 500 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Дарвоқеъ, таи солҳои охир қарзи истифодаи неруи барқ яке аз мушкилоти рӯз боқӣ монда, кормандони Шабакаҳои барқро нигарон кардааст. Мушоҳидаҳои чандсола бозгӯи онанд, ки баъзе аз соҳибмулкон аз пардохт намудани ҳаққи истифодаи неруи барқ саркашӣ карда, ҳатто нозирони барқро аз дарашон меронанд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

**Аз рӯи маълумоти Созмони ҷаҳонии тандурустӣ (WHO), ҳар зани сеюм дар давоми ҳаёташ, ба таври умум латукӯб мешавад, мавриди таҷовуз ё суиистифода қарор мегирад. Собиқ Котиби генералии СММ Кофи Аннан дар ин маврид чунин гуфта буд: «Зӯроварӣ нисбат ба занон шояд шармовартарин поймолкунии ҳуқуқи инсон бошад ва он шояд маъмултарин ҳам бошад. Он (зӯроварӣ) ҳудуди ҷуғрофӣ, фарҳангӣ ё дороиро намедонад. То замоне ки он давом мекунад, мо наметавонем талаби пешрафти воқеӣ дар самти баробарӣ, инкишоф ва осоиш бикунем».**

# ЗӮРОВАРӢ САОДАТИ ХОНАВОДАГИРО БАРҲАМ МЕЗАНАД

Мутаассифона, дар кишвари мо низ ҳодисаҳои зӯроварии хонаводагиро дар шаклҳои гуногун қариб дар ҳар як оила дидан мумкин аст. Зӯроварӣ дар оила нишон додани неру, зӯрӣ, тавоноӣ, золимӣ ва ситамгариро дар бар гирифта, он дар мавридҳои гуногун истифода мешавад. Зӯроварӣ кирдори зиддиҳуқуқӣ ва барқасдонаи дорои хусусияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ, шаҳвонӣ ё иқтисодӣ мебошад, ки дар доираи муносибатҳои оилавӣ аз ҷониби як узви оила нисбат ба дигар узви оила содир шуда, боиси поймол гардидани ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, расонидани дарди ҷисмонӣ ё зарар ба саломатии ӯ мегардад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуқӯъ меорад. Чунин рафтори ношоям дар оила хилофи раванди таълиму тарбия ва арзишҳои милливу умумибашарӣ буда, ба талаботи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва замони муосир ягон умумият надорад ва саодати хонаводаҳоро барҳам мезанад. Ин зуҳуроти номатлуб метавонад ба генофонди миллӣ низ таъсири манфӣ расонад.

Чанде пеш бо ибтикори Ташкилоти ҷамъиятии «Парастор» ва дастгирии Ташаббуси минтақавии «Нури рӯшноӣ» («Луч света», «Spotlight initiative») дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 4-и шаҳри Норак дар мавзӯи «Пешгирии зӯроварии гендерӣ» машғулият баргузор гардид.

Дар он сарвари ташкилоти мазкур Раъно Қосимова иброз намуд, ки 19 марти соли 2013 таҳти №354 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ба имзо расидааст.

- Зӯроварӣ дар оила ҳуқуқвайронкунии ҷиддие мебошад, ки қонунгузории мамлакат барои он ҷазо пешбинӣ кардааст, - гуфт Раъно Қосимова.

Зикр гардид, ки мубориза бар зидди зӯроварӣ дар оила хусусияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ дорад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» дар қатори мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятиро низ ҳамчун субъекти пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила эътироф намудааст. Қишрҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонанд марказҳои ёрирасонро бо тартиби муайянкунандаи қонунгузорӣ таъсис диҳанд, тадбирҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди зуҳуроти номатлубро маблағгузорӣ намоянд, ба ҷабрдидагон кумаки иҷтимоӣ расонанд ва ғайра.

Ҳамкориии мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ асосан дар самти ошкор ва пешгирии зӯроварӣ дар оила ҷой дошта, он тавассути таҳия, қабул ва иқдоми барномаву таҳияи лоиҳаҳои якҷояе, ки пешбурди ташвиқу тарғиб, гузаронидани тадқиқот ва ғайраҳоро дар бар мегирад, диққат дода мешавад.

Ширкаткунандагони воҳӯрӣ изҳор намуданд, ки дар ҷомеаи имрӯза бештар занон аз зӯроварии хонаводагӣ ҷабр мекашанд. Яке аз сабабҳои дучор шудани занон ба зӯроварӣ ин гӯё «айб будани гуфтани сирри хонавода» аст. Сабаби дигар паст будани маърифати ҳуқуқии занон мебошад. Дахолати шахсони сеюм (хешовандони шавҳар) огоҳ набудани ҳамсарон аз одоби оиладорӣ, саҳлангории нозирони минтақавӣ ва бармаҳал хонадор кардани ҷавонон низ боиси афзоиши хушунати хонаводагӣ мешавад.

- Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» чораҳои инфиродии ҳифзи ҷабрдидагон додани Аҳдномаи муҳофизатиро аз тарафи шуъбаи корҳои дохилӣ дар асоси аризаи ҷабрдида дар бар мегирад. Аҳдномаи муҳофизатӣ чораҳои маҳдудкунии махсусро нисбати хушунатгар таъмин мекунад ва ба муҳлати 15 шабонарӯз дода мешавад. Ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила, ҳамчунин, ҳуқуқ ба гирифтани кумак ба тариқи ройгонро доранд, - гуфт коршиноси Ташкилоти ҷамъиятии «Парастор» Мадина Раҳматова.

Директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №4-и шаҳри Норак Шабнам Асоева аз номи иштирокчиёни машғулият ба коршиносон арзи сипос намуда, гуфт, ки доир намудани чунин чорабиниҳо дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии бонувон ва дарёфти роҳҳои пешгирии хушунати хонаводагӣ нақши муҳим мебозад.

- Тавассути корҳои тарғиботӣ-фаҳмондадиҳӣ ва ҷалби воситаҳои ахбори омма метавонем ба ҳалли мушкилоти маънавӣ, иҷтимоӣ, аз ҷумла зӯроварии хонаводагӣ ноил шавем. Агар тавонем, ки мушкилотро оқилона, босаводона ва дар доираи қонун баррасӣ кунем, рафтори ноҷои аҳли ҷомеаро низ дигар карда метавонем,- иброз намуд Шабнам Асоева.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА,**
**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

# ПИСАРРО МАРД БОЯД ТАРБИЯ НАМУД

**Моҳи ноябрро бидуни муболиға метавон «моҳи писарон ва мардҳо» ё «моҳи ҳифзи писарон ва мардҳо» ном бурд. Вазъ ва усулҳои номатлуби тарбияи писарон дар баъзе аз мамолики Ғарб, кӯшишҳои аз байн бурдани фарқиятҳои ҷинсии одамон, тағйир додани ҷинс, ба вуҷуд овардани ҷинси «миёна», ҳаракатҳои ҳамҷинсгароён, сиёсикунонии «ҳуқуқ»-ҳои онҳо ба он боис гардидаанд, ки бархе аз муҳаққиқон дар бораи хавфу хатари дар оянда аз байн рафтани мардон ҳамчун ҷинс ҳадс мезананд. Аз ин рӯ, ҳоло дар бархе аз гӯшаҳои дунё ҷиҳати ҳифзи ин ҷинси «неруманд» тадбир андешида мешаванд.**

Аввалин кӯшишҳо барои ҳифз ва боло бардоштани мақоми мардҳо дар кишварҳои Ғарб солҳои 1960-ум, ки дар он айём асосан ба боло бурдани мақоми бонувон таваҷҷуҳ зоҳир мешуд, вуҷуд доштаанд. Масалан, дар баъзе аз кишварҳо пешниҳод гардида буд, ки яке аз рӯзҳои моҳи феврал Рӯзи мардҳо номида шуда, мисли Рӯзи байналмилалии бонувон - 8 март таҷлил гардад. Вале ин пешниҳод то солҳои 90-уми асри гузашта байни замину осмон муаллақ монд.

Ибтидои солҳои 90-уми асри XX бо ташаббуси сарвари Маркази омӯзиши мардҳои назди Донишгоҳи Миссури-Канзаси ИМА Томас Оастер якчанд чорабинӣ доир шуд.

Бори нахуст соли 1999 чунин ҷашн, аввал ҳамчун Рӯзи мардон дар Ҷумҳурии Тринидад ва Тобаго - давлате, ки дар ду ҷазираи баҳри Кариб ҷойгир аст, таҷлил гардид. Пасон дар кишварҳои ҳавзаи баҳри Қариб, Австралия, Америкои шимолӣ, баъзе аз кишварҳои Осиёву Аврупо доман густурда, аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шуд. 19 ноябр бо ташаббуси доктор Ҷероме Тилуксингҳ аз Донишгоҳи Вест - Ҳиндустон, ки падараш дар он рӯз ба дунё омада, ба иддаои Ҷ. Тилуксингҳ, намунаи ибрат барои мардон буд, ҳамчун санаи таҷлили Рӯзи байналмилалии мардҳо пешниҳод гардид. Айни ҳол ин ҷашн дар беш аз 60 мамлакат таҷлил карда мешавад, ки ҳадафи он ҷалби таваҷҷуҳ ба табъизи гендерии мардҳо, таъкиди саҳми муҳиму мусбати мардҳо дар оила ва ҷомеа, ҳамчунин, ҳифзи солимии писарон ва мардҳост.

Ташаббускорони ҷашн ақида доранд, ки таҷлили чунин рӯз водор менамояд, ки падару модарон писаронро рӯҳан ва ҷисман ҳамчун мардони оянда, ки ҷойгоҳу мақом ва вазифаҳои хешро дар оила ва ҷомеа медонанд, тарбия намоянд. Бинобар ин, дар ин рӯз дар бисёр кишварҳои олам семинару конференсияҳо доир мешаванд.

Ҷашни дигари ҷолиб 20 ноябр - Рӯзи ҷаҳонии кӯдак аст. Ҳадафи ин ҷашн аз номи он маълум аст: таъмини зиндагии сазовори кӯдакон ва тарбияи дурусти онҳо. Ҷашн соли 1954 аз ҷониби Маҷмаи умумии СММ эълон гардида, 20 ноябр таҷлил шудани он бевосита ба қабули Эъломияи ҳуқуқи кӯдак (соли 1959) ва Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак (соли 1989) алоқаманд аст.

Кӯдакон мисли навниҳолонеанд, ки ба ҳар сӯе гардонед, майл хоҳанд кард. Тарбияи нодуруст метавонад писарро ба «духтар» табдил диҳаду духтарро баръакс.

Айни ҳол, дар чанд кишвари Аврупо кӯшиши аз байн бурдани фарқияти ҷинсӣ мавҷуд аст. Дар он кишварҳо «озодӣ»-е тарғиб мешавад, ки ҳар писар ё духтар аз рӯзи таваллуд ҳуқуқ дорад, тарзе рафтор намояд, ки хоси табиат ва ҳамҷинсони ӯ нест. Бар замми ин, бисёр волидон писарбачаро аз даврони тифлӣ либосҳои духтарона пӯшонида,



лабу рӯяшонро ғозаву сурхӣ мемоланд, орову торо медиҳанд, маҷбур месозанд, ба ҷои бозичаҳои писарона бо зочаву латтапораҳо бозӣ кунанд. Чунин муносибат ҳарҷониба тарғиб карда мешавад. Тасаввур кардан душвор нест, ки аз ин гуна писаракон чӣ гуна мардҳо ба воя мерасанд...

Ҷашни сеюми моҳи ноябр, ки марбут ба писарон ва мардон аст, Рӯзи ҷаҳонии писарон 22 ноябр таҷлил мегардад. Он дар якчанд кишвари Аврупо таҷлил мегардад, лекин ҳанӯз расман қабул нашудааст. Ҳадафҳои асосии ин ҷашн маълуманд. Яъне, ҳифзи мардони оянда аз тарбияи нодуруст ва табъизи гендерӣ.

Шурӯъ аз соли 2000-ум рӯзи шанбеи аввали моҳи ноябр бо пешниҳоди собиқ Президенти ИҶШС Михаил Горбачёв ҷиҳати аз байн бурдани табъизи гендерии мардҳо дар баъзе аз кишварҳои ҷаҳон ҷашни дигар бо номи Рӯзи ҷаҳонии мардҳо таҷлил мешавад, ки аз ҷониби магистрати Вена, шуъбаи СММ дар Вена ва чандин созмони байналмилалии дигар дастгирӣ пайдо намудааст. Аммо аз ҷониби СММ ё ЮНЕСКО эътироф нашудааст.

Дар даврони Ҷанги дуюми ҷаҳон сарбозе ба писари яксолааш нома навишта, сабаби ин амали хешро ба ҳамяроқон чунин шарҳ медиҳад: «...ман ба вай навиштам, ки инсон бошад, он чӣ ман аз сар гузаронидаам, бар сари ӯ наояд ва сари худро баланд дорад...». Танҳо ҳамон писаре қадри хешро паст намезанад ва сари худро баланд медорад, ки дар баробари ҷисм рӯҳ ва тарбияи мардона низ дорад. Бо вуҷуди он ки низоми маорифи шӯравӣ дар ҷаҳон беҳтарин маҳсуб меёфту ба хонандагон қариб ҳамаи илмҳои барои рушди шахсият ва ҷомеа муҳим омӯзонда мешуданд, он камбудии ҷиддӣ низ дошт, ки ба тарбияи писарон марбут аст. Омӯзгорон, ки ҳамеша аксар бонувонанд, он писаронеро барои дигарон намунаи ибрату пайравӣ нишон медоданд, ки хислатҳои писаронаашон камтар буд. Ҳарчанд вазифаҳои хонагиашон ва ҳар як фармудаи муаллимону калонсолонро ҳатман ва бечунучаро иҷро мекарданд, шӯхиву бозиро намедонистанд, кам ҳаракат мекарданд, рафтору кирдори ҳамсинфонашонро ба муаллимон хабар мекашиданд...

Оре, тайёр кардани вазифаи хонагӣ ва риояи одобу ахлоқи талабагӣ вазифаи ҳар як хонанда аст, вале дар баробари ин писарбачагон баъзан шӯхиву бозӣ ҳам мекунанд. Ин табиати писарона аст, ки дар даврони шӯравӣ ғолибан мавриди сарзаниши омӯзгорон қарор мегирифт. Вале ин камбудӣ дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ва тайёрии ибтидоии ҳарбӣ як навъ ҷуброн мегардид. Ба барномаи дарсҳо машқҳо ва ҳаракатҳои гуногун аз навъҳои варзиш, тирпарронӣ, норинҷакпартоӣ омӯзонида мешуд, ки ҳама ин машқу ҳаракатҳоро иҷро мекарданд. Мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ дар байни синфҳо, мактабҳо, ноҳияву шаҳрҳо гузаронида мешуданд.

Ниёконамон писаронро ҳатман ҳунари аспсавориву камонварӣ ва гӯштингирӣ ёд дода, ҳамчун ҳомиёни зану фарзанд, манзилу маҳал ва Ватан тарбия менамуданд. Таъсири тарғиботи «мардбезорона»-и Ғарб тавассути созмонҳои гуногуни байналмилалӣ ҳар ҷо, хусусан дар шабакаҳои иҷтимоӣ, зоҳир мегардад, ки бояд боиси нигаронӣ бошад. Хуб мешуд ҷиҳати пешгирӣ аз таъсири номатлуби тарғиботи «мардбезорона» бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда ва такя ба таҷрибаи қобили қабули ҷаҳонии ҳифзи ҳуқуқи писарбачагон, аз ҷумла таҷлили ҷашнҳои зикргардида, тарбияи беҳтари онҳо ҳамчун мард, ҳомии шаъну шараф, молу ҳоли хонадон ва марзу буми Ватан ба роҳ монда шавад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дарси тарбияи ҷисмонӣ беҳтар ба роҳ монда, мусобиқаҳои варзишӣ бештар гузаронида шаванд. Синфхонаҳои тайёрии ибтидоии ҳарбӣ бо силоҳ ва воситаҳои техникии барои хизмати ҳарбӣ ва артиш зарур муҷаҳҳаз гардида, ба онҳо афсарони мустаъфӣ, мисли солҳои шӯравӣ, дарс гӯянд. Дар вазъи кунунии ҷаҳон ва минтақа чунин тадбир хеле муҳим аст.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки дар Эстония ҷашни махсуси падарон - Рӯзи падар таҷлил карда мешавад. Мо Рӯзи Модарро таҷлил мекунем, вале ҳамчун Рӯзи падар ҷашн надорем.

Дар Федератсияи Россия чунин ҷашн якшанбеи сеюми моҳи октябр таҷлил мешавад. ИМА ва боз 31 кишвари дигар, мисли Арманистон, Аргентина, Британияи Кабир, Канадаву Колумбия ва ғайра Рӯзи падаронро 19 июн таҷлил менамоянд. Сокинони Италия, Испания Португалия рӯзи 19 март, Дания - 5 май, Кореяи ҷанубӣ ва Германия - 8 май, Литва ва Швейтсария рӯзи якшанбеи якуми моҳи июн, Белгия-якшанбеи дуюм Рӯзи падаронро таҷлил мекунанд. Гурҷистон, Миср, Урдун, Либиё, Сурия, Уганда ва боз чанд мамлакати дигар низ Рӯзи падарон доранд. Мавҷуд набудани чунин ҷашн як навъ табъиз нисбат ба мардҳост.

Ҷашни Рӯзи писарбачаҳо аз қадимулайём дар Япония вуҷуд дошт ва соли 1948 ба Рӯзи кӯдакон иваз карда шуд. Он дар Бразилия 12 октябр ҷашн гирифта мешавад. Дар Ҷумҳурии Саха (Ёқутистон)-и Федератсияи Россия аз соли 2017 расмӣ гардидааст ва якшанбеи дуюми моҳи апрел таҷлил гардида, ҳадафи он баланд бардоштани мақоми мард дар оила ва ҷомеа аст.

Дар ҳақиқат, таҷлил намудани ҷашнҳои фавқуззикр рӯҳи писарону мардҳоро бардошта, масъулияти онҳоро дар назди оила ва ҷомеа зиёд менамояд. Бинобар ин, хуб мешуд, ки ба таҷлили ин ҷашнҳо таваҷҷуҳ зоҳир гардида, онҳо бо анъанаву русуми гузаштагон ғанӣ гардонда шаванд. Дар чунин ҳолат аз фардои писарон осуда хоҳем буд.

**Н. НИЗОМӢ,**
**«Садои мардум»**

---

Китобҳои нав

## «ПАЙКАРИ САБР»





**Ин унвони маҷмӯаи нави шеърҳои шоир ва рӯзноманигор Ворис аст. Эҷодиёти ин ҳамкори муҳтарами мо пурҳикмат, саршор аз талқини одаму одамгарӣ ва худшиносист. Ворис орифона, олимона, оқилона мегӯяд. Дарки шинохти худ ва Офаридгор, маънии зиндагӣ, рисолати одамӣ аз ҷумлаи нукоти асосии эҷодиёташ аст. Вай, ки инсони некдил аст, навиштаҳояш низ самимию пурмаъноянд.**

**Зиндагонӣ нест осон зистан,**
**Омадан, монанди меҳмон зистан.**

**Зиндагонӣ сӯхтан, афрӯхтан,**
**Бо ҳазорон аҳду паймон зистан…**

Ворис (Урун Калонов) муаллифи маҷмӯаи шеърҳо ва очеркҳои «Рози бараҳнагӣ», «Ҷоми гӯё», «Дар чор фасли лаҳзаҳо», «Шишаи номус дар бағал» ва «Паланги қуллаҳои барфпӯш» мебошад. Ҳамзамон китоби «Тазкираи Ворис» бахшида ба 3000 - солагии Ҳисор дастраси хонандагон аст, ки дар бораи беш аз 150 шоири ҳавзаи адабии Ҳисор маълумот медиҳад.

Китоби «Пайкари сабр» - и шоир чанде пеш дар арафаи шастсолагиаш аз чоп баромад. Онро дарёфт кунед, вориди уқёнуси маънӣ шавед ва соҳиби дурру марҷон гардед.

## «БАРГИ ДУО»





**Ин китоб баҳои ҳамқаламон, дӯстону ҳамкорон, алоқамандони ашъори адиб ба ашъори Ворис ва ҷойгоҳаш дар адабиёти муосир мебошад. «Шиносоии иҷмолӣ бо сурудаҳои шоир баръало нишон дод, ки вожа - вожа, байт - байти чакомаҳо аз дастовард, навгонӣ, ҳусну ҷило саршор буда, рангоранги шеъри муосири тоҷикро дар худ таҷассум кардаанд» - қайд шудааст дар муқаддима.**

Яке аз муаллифон, шоир Муҳаммадалии Аҷамӣ шеърҳои Ворисро ба чашмаи зулол монанд кардааст: «Ворис ба шеъри муосири тоҷик бидуни дағдаға, мисли як чашмаи зулолу ором, ки аз буни санг меполад, ҷорӣ мешавад, ворид мешавад, аммо ин чашма чӣ қадар оби ширин дорад, оби гуворо дорад ва чӣ қадар зулол аст. Бо ин, ки аз худ бисёр дағдаға нишон намедиҳад ва ҳеҷ вақт сару садое ҳам аз худ сар бар намедиҳад, аммо шеъри ӯ мисли ҳамон чашмаи зулол аст, ки ҳар ташнаи калом мехоҳад аз он чашма ба серӣ бинӯшад. Ворис воқеан, дар шеъри муосири тоҷик бо он, ки кам шеър мегӯяд, вале шеърҳояш пурбор аст, дилнишин ва ҷаззоб аст…».

Мураттиби китоб рӯзноманигор Муҳаммадуллои Табарӣ аст.

**Б. КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум»**

---

# ГУЛ ҲАМ ТАБОБАТ МЕКУНАД

## Ё чаро ҳар як сокини шаҳр бояд гулпарвар шавад?

Сабзаву гул ва дарахту буттаҳои ороишӣ на танҳо кӯчаю хиёбон ва гулгашти шаҳрҳоро зеб медиҳанд, балки боиси солимии сокинону меҳмонон мегарданд. Олами наботот ба одамон дар баробари ғизо, инчунин фараҳу нишот ва хуштабъию саломатӣ ато мекунад.

Аз рӯи маълумоти Созмони ҷаҳонии тандурустӣ, ба ҳар як сокини шаҳр бояд 50 метри мураббаъ ва ба сокинони атрофи шаҳр 300 метри мураббаъ гулу сабзаву дарахтзор рост ояд. Як дарахт дар як шабонарӯз оксигени барои се нафар кифояро ихроҷ мекунад. Дар ҳавои гарм самараи салқиндиҳии дарахти калон баробари салқинкунии 10 кондитсионер мебошад.

Чанд соли охир дар шаҳрҳои кишвар, алалхусус пойтахти мамлакат раванди гулу сабзазоркунӣ босуръат афзуда истодааст. Масалан, дар шаҳри Душанбе тӯли 10 моҳ (ғайр аз моҳҳои декабру январ) метавон гулҳои шукуфонро мушоҳида кард.

Номгӯи гулҳо низ сол то сол зиёду рангоранг шуда истодааст, ки ин аз завқи баланди мутасаддиён гувоҳӣ медиҳад.

Дар баробари кормандони Корхонаи воҳиди давлатии таҷрибавии илмию истеҳсолии «Сабзакорӣ»-и шаҳри Душанбе, шаҳрвандони хушсалиқае ҳастанд, ки дар зиёд шудани масоҳати гулзори пойтахт ҳисса мегузоранд. Яке аз онҳо Назаралӣ Раҳмонови 69-сола мебошад. Ӯ солиёни зиёд дар корхонаю муассисаҳои гуногуни пойтахт ба ҳайси боғбон - гулпарвар фаъолият кардааст. Алҳол мутасаддии майдончаи варзишӣ ва бозии кӯдаконаи №30-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе мебошад.

Ин гулпарвари собиқадор гуфт, ки сабзазор ва гулзори шаҳрҳо нисбат





ба замини хушку холӣ шаш маротиба зиёдтар чангу ғуборро ба худ мекашанд. Аз ин рӯ, дар фасли тобистон ғуборнокӣ дар гулгашту хиёбонҳо ҳамагӣ 30 дарсадро ташкил медиҳад.

- Баъзе намуди гулу гиёҳҳо аз худ фитонсид (моддаҳои зидди бактериявӣ) хориҷ мекунанд, ки бактерияҳои бемориоварро нобуд карда, муҳити зистро солим мегардонад, - афзуд Назаралӣ Раҳмонов.

Олимон муайян кардаанд, ки дар шаҳрҳои калони камсабзаю камгул кӯдакон аз табиат дур гашта, табъашон хира ва нури чашмашон кам мешавад. Илова бар ин, онҳо бештар дучори афсурдаҳолӣ мегарданд.

Бино ба гуфти қаҳрамони матлаб, дар илми тиб ба воситаи ароматерапия (табобат бо хушбӯӣ) ва хромотерапия (табобат бо гул ва ранг) баъзе беморонро муолиҷа мекунанд. Масалан, дурудароз нигаристан ба сабза ва барги дарахтони сабз асабро орому чашмро пурнур мекунад. Нигоҳ кардан ба гулҳои зард иштиҳоро кам менамояд, ки ин барои ашхоси аз вазни изофӣ азияткашанда муфид аст. Гулҳои сурх ва бунафши баланд баръакс, иштиҳоро бармеангезанд. Ин барои касоне, ки баъди бемории тӯлонӣ ва ҷарроҳӣ иштиҳояшонро гум кардаанд, манфиат дорад. Гулҳои сафед ва гулобии равшан таҳрикпазирӣ ва зуд оташин шуданро рафъ менамоянд. Гули марворид (маргаритка) хастагии чашмро дур месозад.

- Бӯи гулҳо хосияти оромкунандаи асаб доранд. Дидани гулҳои нахустини баҳор, аз қабили гули барфӣ (бойчечак), сиёҳгӯш ва наргис касро аз расидани айёми гармию фароҳӣ мужда дода, ба дил фараҳ мебахшанд. Аз ин рӯ, бояд ҳар як шаҳрнишин ба гулпарварӣ шуғл варзад, - муътақид аст гулпарвари собиқадор.

Хидматҳои шоёни Назаралӣ Раҳмоновро ба назар гирифта, чанде пеш ӯ бо «Ифтихорнома»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ва Муассисаи давлатии «Нигоҳдории боғу гулгаштҳо, майдончаҳои варзишӣ ва бозии кӯдакон» сарфароз шуд.

- Дар бисёр шаҳрҳои ҷаҳон ҷамъияти гулпарварон фаъолият мекунад. Гулпарварон дар ин ҷамъият бо ҳам табодули таҷриба карда, дар ёфтани тухмию ниҳол ба ҳам кумак мерасонанд. Агар дар мо ҳам чунин ҷамъият ташкил шаванд, шумораи хоҳишмандони ба гулпарварӣ машғулшаванда бештар хоҳад шуд, - иброз намуд Назаралӣ Раҳмонов.

Кош сафи чунин гулпарварон дар шаҳру деҳоти кишвар зиёд шавад. Зеро афзудани майдони гулзор на танҳо завқи эстетикиро ташаккул медиҳад, балки саломатиро беҳбудӣ бахшида, табъи хуш ато мекунад.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

---

Проблема ва мулоҳиза

# АЗ УРЕБЧА БА ҶОИ ЗАРАР ФОИДА ГИРИФТАН МУМКИН



**Ҳоло барои модароне, ки кӯдаки навзоду хурдсол доранд, уребча (памперс) яке аз туҳфаҳои арзишманд аст. Онҳо ба ин «либоси мушкилкушо» чунон одат кардаанд, ки агар мабодо он дар дӯкону мағозаҳо камчин ва ё қимат шавад, сару калобаашонро гум мекунанд. Ҳол он ки то ин вақт модарони тоҷик фарзандонро бе уребча ба воя мерасонданд.**

Дар интернет мақолае бо номи «Как младенцы спят без подгузников и остаются сухие - гениальный узбекский способ» нашр шудааст, муаллиф аз гаҳвора, ки тамоми ҷиҳози ба роҳат хоб кардани кӯдакро дорад ва то саҳар дар он истифодаи уребча зарур нест, васф карда, онро «гениально» гуфтааст. Албатта, сарлавҳаи мақола зуд таваҷҷуҳамро ҷалб кард. Мантиқан дуруст, вале муаллифи мақола маълум аст, ки таърихро намедонад, миллатҳоро намешиносад...

Тоҷикон аз қадим тартибу усули хуби нигоҳубини кӯдак ва истифода аз гаҳвораро доранд. Гаҳвора зеби ҳар як хонаводаи тоҷик аз қарнҳои гузашта то ба имрӯз аст. Он барои хоби бароҳату нигоҳ доштани саломатии тифл бисёр мувофиқ аст.

Рӯзе набераи яксолаамро назди духтур бурдем. Вақте ки вай ба муоинаи тифл шурӯъ кард, аз модараш хоҳиш намуд, то ки уребчаи фарзандашро кашад. Баъди дидани бадани кӯдак пурсидам:

- Ба хайр аст, духтур?

Духтур ба ман нигариста гуфт:

- Хуб мешуд уребчаро камтар истифода баред. Баъзе аз модарон ҳангоми ба меҳмонӣ рафтан, сайругашт, сафарҳо ва шабона уребчаро дар бадани кӯдак нигоҳ медоранд. Пешоби кӯдак соатҳо ҷамъ шуда, ба бадани вай таъсири манфӣ мерасонад, хусусан барои духтарчаҳо зарараш зиёдтар аст.

Дар бораи зарари уребчаҳо ба саломатии кӯдакон зиёд мегӯянд, аммо бисёриҳо ба ин паҳлуи масъала аҳамият намедиҳанд.

Агар рӯзе барои як кӯдак ду-се уребча лозим бошад, дар 30 рӯз 80 - 90 дона ва дар як сол қариб 2000 дона сарф мешавад. Баъзе аз оилаҳо аз се то панҷ-шаш кӯдак доранд. Чунин оилаҳо дар як сол то 10000 уребча мехаранд.

Ғарбиҳо, ки бисёри навигариҳо аз онҳо оғоз меёбад, ҳоло зарари партови уребчаҳоро дарк карда, бонги изтироб мезананд ва ҳамзамон барои бартараф кардани оқибатҳои он чораҳо меандешанд.

Пеш аз он ки аз таҷрибаи дигар давлатҳо ҳарф занем, нахуст ба маълумоти хонандагон мерасонем, ки уребчаҳои истифодаи якдафъаинаро ихтироъкоре аз Амрико – Мэрион Донован кашф кардааст. Вай дар оилаи ихтироъкорон ба воя расида, ба фаъолияти падараш доимо таваҷҷуҳ зоҳир мекард. Вақте ки оиладор мешаваду духтарчааш ба дунё меояд, соли 1946 барои нигоҳубини вай аз пардаи душ (ташноб) рӯйпӯше барои ҷойхоби кӯдак медӯзад. Ин имкон медиҳад, ки кӯрпаю дигар ҷиҳози хоб хушку тоза монад. Баъдан аз матои парашют уребча омода мекунад. Соли 1951 Мэрион барои навовариаш патент мегирад ва ихтирои вай зуд паҳн мегардад.

Ҳоло он дар бисёр кишварҳои ҷаҳон истеҳсол мешавад. Мутахассисон ҳисоб кардаанд, ки барои истеҳсоли уребчаи яквақтаина барои як нафар беш аз 130 килограмм майдапораҳои чӯб, 23 килограмм ашёи хоми нефтӣ ва 9 килограмм хлор дар як сол сарф мешавад. Баъд аз истифода уребчаҳо, ки вазну ҳаҷмашон як- ду баробар зиёд мешавад, ба партовгоҳи бузург табдил меёбад. Ширкати ҷопонии «SuperFaiths» технологияи навро ҷорӣ намуда, тавассути он уребчаҳо коркард ва аз он маҳсулоти сӯзишворӣ истеҳсол мекунад. Барои ҷопониҳо ва олмониҳо ин навъи сӯзишворӣ ҳамчун манбаи истеҳсоли қувваи барқ истифода мешавад.

Дар Шотландия соли 2012 коркарди уребча ва дигар молҳои гигиенаи шахсиро таҷриба карданд ва он аз ҷониби ҷомеа, хусусан падару модарон, дастгирӣ ёфт. Ин навъи молҳо асосан аз полимер ва майдапораҳои чӯб истеҳсол мешавад. Ҳангоми коркард онҳоро ҷудо мекунанд ва аз ашёи чӯбӣ масолеҳи сохтмонӣ ва аз маводи полимерӣ сандуқҳо барои партов ва дигар ашё месозанд. Баъд аз дар истеҳсолот ҷорӣ гардидани ин навоварӣ фаъолияти корхонаи ширкати «Knowaste» ба роҳ монда шуд ва он то ин дам беш аз 70 миллион дона уребчаҳоро коркард намуда, молу ашёи зарурӣ истеҳсол кард. Дар Олмон маркази қабули партовҳои шаҳри Бремен бо Хонаи пиронсолон барои харидории беш аз 100 тонна уребчаҳои якдафъаинаи истифодашуда шартнома бастааст.

Мутаассифона, чунин таҷриба алҳол дар кишварҳои Осиёи Миёна ҷорӣ нашудааст ва партови уребчаҳо дар ҳоли афзоиш аст. Баъзан партовҳоро месӯзонанд, ки дар натиҷа аз онҳо газҳои зараровар хориҷ мешавад.

Ҳоло мо оқибатҳои таъсири уребчаро ба саломатӣ дарк накардаем, аммо дида истодаем, ки он муҳити зистро чӣ тавр ифлосу зараровар кардааст. Пас, бояд бетаъхир дар андешаи ҳалли ин масъала бошем.

**К. БУРҲОНИДДИН,**
**«Садои мардум»**

---

ОБУНА - 2023

ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2023 ИДОМА ДОРАД.

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА БЕРУН АЗ ОН ХАБАРДОР МЕКУНАД.

НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА, БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МУАССИСАҲОИ АЛОҚАИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА 180 СОМОНӢ МУҚАРРАР ШУДААСТ.

*Обуна дар идораи рӯзнома, муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳои кишвар қабул шуда, пешохангон, ҳамчунин, шахсони алоҳидае, ки бо идораи рӯзнома шартнома баста, дар ин кор саҳм мегиранд, қадрдонӣ мегарданд.*

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ - 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»: с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877; Шуъбаи №2 БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238-53-71, 238-53-49, 238-54-57.*

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 412212 | Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» - и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Корҳои таъмирӣ (насби шабакаи обтаъминкунӣ ва обёрӣ) дар ҳудуди Боғи «Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Муассисаи давлатии «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 04.11.2022 15:20:00 |
| 2 | 412214 | Муассисаи давлатии «Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон» | Таъмири ҷории дохили бино | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 04.11.2022 16:10:00 |
| 3 | 412218 | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Бензин | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 05.11.2022 08:05:59 |
| 4 | 412244 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи технологӣ»-и шаҳри Душанбе | Мебел, парда, гилем ва таҷҳизоти техникӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 15 | 05.11.2022 15:00:00 |
| 5 | 412213 | Муассисаи давлатии Ансамбли ҷумҳуриявии «Лаъл» | Таҷҳизоти акустикӣ, костюмҳои махсуси рақсӣ бо маснуоти заргарӣ ва пойафзол | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 15.11.2022 15:40:00 |
| 6 | 412215 | Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | Нуриҳои минералӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 15.11.2022 15:45:00 |
| 7 | 412209 | Маркази ҷумҳуриявии санҷишгоҳи судӣ ва криминалистии назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сохтмони маҷмааҳои варзишии бисёрҷанба дар ҳудуди бинои марказ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.11.2022 15:50:00 |
| 8 | 412217 | Муассисаи давлатии «Театри лӯхтак»-и шаҳри Бӯстон | Сафолакпӯш намудани роҳравҳои муассиса (ҳаҷм - 506 $м^2$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.11.2022 17:35:35 |
| 9 | 412219 | Муассисаи давлатии «Хона-интернати беморони рӯҳӣ»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 36 | 15.11.2022 18:35:35 |
| 10 | 412220 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Китоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 153 | 15.11.2022 18:35:35 |
| 11 | 412221 | Раёсати ҳифзи муҳити зисти вилояти Суғд | Таъмири бинои шуъбаи таҳлили Сарраёсати ҳифзи муҳити зисти вилояти Суғд (идомаи корҳо) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 15.11.2022 18:35:35 |
| 12 | 412222 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои иловагӣ дар «Маркази саратоншиносӣ»-и вилояти Суғд (корҳои лоиҳавӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизмат-расонӣ | 1 | 15.11.2022 18:35:35 |
| 13 | 412223 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи политехникӣ»-и ноҳияи Зафаробод | Мебел, инвентари нарм, таҷҳизоти маишӣ ва офисӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 15.11.2022 18:35:35 |
| 14 | 412224 | Корхонаи давлатии коммуналии «Шуъбаи сохтмони асосӣ»-и шаҳри Бӯстон | Азнавсозии бинои «Қасри фарҳанг»-и шаҳри Бӯстон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.11.2022 08:15:15 |
| 15 | 412225 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои иловагӣ дар назди МТМУ №12-и Ҷамоати деҳоти Бунҷикати ноҳияи Шаҳристон (корҳои лоиҳавӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизмат-расонӣ | 1 | 16.11.2022 08:15:15 |
| 16 | 412231 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Бензин, сӯзишвории дизелӣ ва гази моеъ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 16.11.2022 08:59:59 |
| 17 | 412232 | Муассисаи давлатии «Маркази саломатии шаҳрии №7»-шаҳри Душанбе | Таҷҳизоти дандонпизишкӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 16.11.2022 09:10:59 |
| 18 | 412233 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи марказӣ»-и ноҳияи Рӯдакӣ | Доруворӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 29 | 16.11.2022 09:15:59 |
| 19 | 412237 | Мақомоти муассисаҳои сохташавандаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Панели идоракунӣ ва муҳаррики электрикӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 16.11.2022 09:55:00 |
| 20 | 412238 | Беморхонаи марказии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Доруворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 15 | 16.11.2022 09:55:00 |
| 21 | 412241 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» | Таъмири ҷории бинои №12-и муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.11.2022 10:00:00 |
| 22 | 412242 | Муассисаи серсоҳавии «Хоҷагии манзилию рифоӣ»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Ранг | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 16.11.2022 10:00:00 |
| 23 | 412228 | Муассисаи давлатии тандурустии «Маркази клиникавии дермато - венерологӣ» - и вилояти Суғд | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 16.11.2022 11:00:00 |
| 24 | 412229 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии «Қалъаи Хуҷанд» дар шаҳри Хуҷанд. Навбати ҳаштум (корҳои лоиҳавӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизмат-расонӣ | 1 | 16.11.2022 11:00:00 |
| 25 | 412230 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони боғчаи бачагона барои 240 ҷой дар ноҳияи Мастчоҳ (корҳои лоиҳавӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизмат-расонӣ | 1 | 16.11.2022 11:00:00 |
| 26 | 412234 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои маъмурӣ дар назди Муассисаи давлатии «Нигоҳдории иншоотҳои сохташавандаи шаҳраки Сайҳун» (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.11.2022 11:00:00 |
| 27 | 412235 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мумфаршкунии роҳи автомобилгард аз километри 213-уми шоҳроҳи Душанбе - Хуҷанд - Бӯстон - Чаноқ -даромадгоҳ ба Қадамҷо дар Ҷамоати деҳоти Нофароҷи шаҳри Истаравшан (гузоштани фарши асфалту бетонӣ, ғафсӣ - 5 см, масоҳат - 4000 $м^2$) марҳилаи 3 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.11.2022 11:00:00 |
| 28 | 412236 | Раёсати Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд | Қолин, матоъ барои парда, таҷҳизоти техникӣ ва перила | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 14 | 16.11.2022 11:00:00 |
| 29 | 411985 | Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» | Электродҳои тамғаҳои гуногун | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 16.11.2022 11:11:05 |
| 30 | 412243 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Таъмири асосии озмоишгоҳи №1-и тарафи чапи бинои маркази муассиса, ошёнаи якум, воқеъ дар хиёбони Рӯдакӣ 139-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.11.2022 11:20:00 |
| 31 | 412216 | Стансияи ёрии таъҷилии тиббии шаҳри Хоруғ | Доруворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 42 | 16.11.2022 14:00:00 |
| 32 | 412245 | Мактаб-интернат барои бачагони ятим, бачагони маҳрум аз парастори волидайн ва аз оилаҳои камбизоати назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 16.11.2022 14:50:00 |
| 33 | 412226 | Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» | Молҳои техникӣ, таҷҳизоти оргтехникӣ, дастгоҳҳои бисёрфунксионалӣ, молҳои канселярӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 44 | 17.11.2022 08:40:00 |
| 34 | 412227 | Хазинаи сарватҳои давлатии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сейф, компютери фардӣ, дастгоҳи бисёрфунксионалӣ, монитор, асбобҳои рӯзгор, молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ, барқӣ, инвентари нарм ва картриҷ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 103 | 17.11.2022 09:30:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## ТАТБИҚИ ЛОИҲА_БАҲРИ БЕҲСОЗИИ ИНФРАСОХТОРИ МАҲАЛЛӢ ВА ДАСТГИРИИ ҶАВОНОН

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи ҳамкориҳо бо Бонки умумиҷаҳонӣ маблағҳои грантиро барои татбиқи «Лоиҳаи таҳкими устувории иҷтимоӣ-иқтисодӣ» ҷалб намуда, лоиҳаи мазкур ба усули рушд бо ташаббуси ҷомеа асос ёфтааст. Дар ин замина баҳри беҳсозии инфрасохтори маҳаллӣ шасту нуҳ афзалияти ҷамоаҳои минтақаҳои фарогир дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳои Панҷ, Фархор, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Ванҷ, Шуғнон, Ишкошим тибқи талаботи лоиҳавӣ муайян шуда, амалисозии зерлоиҳаҳо оид ба бунёди иншооти иҷтимоӣ дар соҳаҳои гуногун бо дарназардошти субгрантҳо ва мутобиқатии воқеӣ дар доираи татбиқи «Лоиҳаи таҳкими устувории иҷтимоӣ-иқтисодӣ» маблағгузорӣ мегардад.

Ҳамчунин, бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷавонон дар минтақаҳои фарогири лоиҳа ҳабдаҳ маркази омӯзишӣ бунёд шудааст, ки онҳо бо таҷҳизоти компютерӣ ва мебелу лавозимоти зарурӣ таъмин гардидаанд. Дар ин раванд, баҳри рушди ҷавонон ва таъмин намудани онҳо бо манбаъҳои воситаҳои зиндагӣ, омӯзишу чорабиниҳои лоиҳавӣ дар марказҳои бунёдшуда пайваста баргузор карда мешаванд.

«Лоиҳаи таҳкими устувории иҷтимоӣ-иқтисодӣ» баҳри таҳкими иқтидори худидоракунии маҳаллӣ, дастгирии ҷавонон ва беҳсозии инфрасохтори иҷтимоию иқтисодӣ аз ҷониби Бунёди миллии иҷтимоии маблағгузории Тоҷикистон татбиқ мегардад.

**Барои гирифтани маълумот бо рақамҳои (+992 37) 221-87-53, (+992 37) 221-68-44 тамос гиред.**

## ОБЪЯВЛЕНИЕ

**Общественная организация «Дети, беженцы и уязвимые граждане» (RCVC) объявляет конкурс на замещение следующих вакантных должностей:**

**Монитор проекта (г. Душанбе):**

• Проводить мониторинги и домашние визиты;

• Оценивать нужды беженцев;

• Готовить списки беженцев на Совместный Комитет;

• Проводить распределение любой помощи соответственно спискам составленным и утверждённым на Комитете, с подписями беженцев;

• Проводить мониторинги по рабочим местам беженцев;

• Готовить информации для ежемесячных, квартальных и годовых отчётов и предоставлять Менеджеру и др.

• Быть в тесном контакте с Городским, Районным Управлением Образования, директорами школ, где учатся дети беженцев;

• Готовить статистические отчёты, учитывая гендерные и возвратные аспекты;

• Собирать гендерную статистику детей-беженцев, обучающихся в школах.

**Ассистент по связи с общиной беженцев (приоритет женщине) (г. Душанбе):**

• Проводить активную работу с общиной беженцев; выявлять недостатки и проблемы их проживания;

• Наладить связь с общиной беженцев;

• Выявлять профессиональные умения среди беженцев; проводить/организовывать беседы на различные темы, например: домашнее насилие (планирование семьи, гигиена);

• Проводить специальные программы встречи, мероприятия по предложению беженцев, следить за исполнением работы Молодёжного центра и швейного цеха для девочек;

• Вовлекать беженцев в инициативы по Самообеспечению, включая по развитию ремесла;

• Поддерживать регулярную связь с отделом образования;

• Своевременно письменно информировать о процессе работы с общиной;

• При необходимости проводить интервью с беженками;

• Оценивать нужды беженцев и предоставлять консультации по видам имеющейся помощи;

• Работать с жертвами домашнего/гендерного насилия, для предоставления им необходимой помощи и др.

**Условия конкурса:**

Высшее образование, знание таджикского и русского языков (знание английского языка приветствуется), базовое знание компьютерных программ. Стаж работы не менее трёх лет, умение составлять письма, устанавливать контакты с другими организациями. Умение работать в коллективе и в команде. Быть вежливым и терпимым во всех отношениях работы с беженцами.

**Просьба присылать (CV) по электронной почте: karimov.iftikhor@gmail.com, rcvc.livelihoods@gmail.com**

а нижеуказанные документы принести с собой после приглашения на собеседование:

**Документы:** копия диплома, трудовая книжка, резюме (CV), две фотографии, рекомендательные письма.

**Последний день подачи: 25 ноября 2022 года**

**Адрес: город Душанбе, ул. Дехлави, дом 10, (ориентир бывший зелёный базар).**

**Телефон: (+992)555550268.**

## ЭЪЛОН!

Барҳамдиҳандаи Фонди қарзии хурди «Имдоди Рушд» иттилоъ медиҳад, ки бо таъиноти Суди иқтисодии шаҳри Душанбе аз 20 декабри соли 2021 таҳти №1-309/19 расмиёти барҳамдиҳии ФҚХ «Имдоди Рушд» қатъ карда, ташкилот барҳам дода шуд.

Телефон барои маълумот: 907-30-22-88.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Патенти №0500654-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 3 марти соли 2022 ба Исрофилов Искандар Исрофилович (РЯМ 6030164883, РМА 605470165) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии фаъолияти соҳибкории №0032041-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент 6 марти соли 2013 ба Шарифов Исфандиёр Ҳомидович (РЯМ 6030069467) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи хариду фурӯши квартираи таҳти қайди 9Д-199-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 17 марти соли 1999 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи В Варзоб ГЭС (ҳоло Шаббода), бинои 1, квартираи 8 ба Сангинов Ҷомаҳмад Бобекович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшудаи силсилаи К-19050, ки онро Донишгоҳи миллии тадқиқотии технологии МИСиС соли 2019 ба Хурамов Равшан Махмудович додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи ҳадяи квартира таҳти феҳристи 5Ш-191 зери қайди НТ №0027167-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ҳисор 22 апрели соли 2011 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, кӯчаи Б. Ғафуров, бинои 1, ҳуҷраи 26 ба Тоҳиров Муродбек додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ бо рақами инвентарии 9086-и гумшуда, ки онро КФБ-БТ-и шаҳри Ҳисор 20 майи соли 1993 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, кӯчаи Б. Ғафуров, бинои 1, ҳуҷраи 26 ба Тоҳиров Муродбек додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯӣ ва дафтарчаи имтиҳонии Д-91132-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур соли 2019 ба Раҷабов Муҳиддин Қиёмиддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хоҷагии деҳқонии «Низора» бо РЯМ № 1830089800 ва Иқтибоси гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб соли 2014 додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хоҷагии деҳқонӣ бо РЯМ № 1830015349 ва Иқтибоси гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб соли 2010 ба Сатторова Нигорбӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибос дар бораи ба қайд гузоштан дар феҳристи ягонаи давлатии гумшуда, ки ба ҶДММ «Истеъдод-2017» (РМА 030029156) тааллуқ дорад, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ барои ҳавлидорӣ таҳти №5182-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» 6 майи соли 1995 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Роҳи Оҳан (ҳоло ноҳияи Шоҳмансур) гузаргоҳи 21-уми кӯчаи Мастонгулов (собиқ кӯчаи Титов) хонаи 4 ба Солиева Меҳрӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати № 0118438-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2-и ноҳияи Варзоб соли 2015 ба Зиёдуллоева Шарифа Сайфуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ № 0902300-и гумшуда, ки онро Литсей-интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2021 ба Рустамова Мафтуна Алишеровна додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Чиптаи мобилӣ» бо РМА 010100295, ки дар Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Аҳли кормандони Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба сардори пойгоҳи сейсмикии «Симиганҷ» Раҷабов Маҳмадраҷаб бинобар вафоти**

**ХОҲАРАШ**

**изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият намуда, аз даргоҳи Худованд барояш сабри ҷамил хоҳонанд.**

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**


Садои мардум

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ба суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ: www.sadoimardum. tj ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97

Ба чопаш 28 октябри соли 2022, соати 16:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33425 нусха

Навбатдори шумора Ҳ. Тоҳирӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров